**Суратмаҷлиси №11**

маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ва доктори илми филология аз рӯйи ихтисосҳои 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.02.01 –Забони тоҷикӣ) ва 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ)

3 октябри соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 15 нафар узви
Шуро 12 нафар

**Рӯзнома**:

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи **Гулова Маъмура Нуровна** дар мавзуи "Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01 –Забони тоҷикӣ (роҳбари илмӣ, номзади илми филология, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Носиров Сабур Музаффарович) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., Шарифзода Ф.Х. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи **Гулова Маъмура Нуровна** ба Шурои диссертатсионӣ.

**Гузориш дода шуд:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ д.и.ф. Юсуфов У. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи **Гулова Маъмура Нуровна** – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Гулова Маъмура Нуровна** дар мавзуи "Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01–Забони тоҷикӣ (роҳбари илмӣ, номзади илми

филология, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Носиров Сабур Музаффарович) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Раҳматуллозода С., доктори илми филология, узви шуро, раиси комиссияи ташхис;

- Назарзода С., доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

- Султон Ҳасан Баротзода, доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор - 12 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.